**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
_________ Гулназарзода Ж.Б.
«25» 07 соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович зери унвони «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» пажуҳиши илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муҳтавои он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 –Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) комилан мувофиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Бешак, таҳқиқоти муосир дар соҳаи истилоҳот басо мураккаб ва бисёрҷабҳа тавсиф мешавад ва истилоҳшиносии муосир заминаи методологӣ, назарӣ ва объекту мавзуи таҳқиқотӣ дорад. Бо назардошти дастовардҳои беҳтарин дар соҳаи истилоҳот, дар ин соҳаи илм бисёр масъалаҳои ҳалношуда низ мавҷуданд, ки олимони хориҷиву ватаниро ба омӯхтани вазифаҳои истилоҳот дар рушди илм ва технология ҳавасманд мекунанд. Метавон гуфт, ки истилоҳот ва истилоҳотшиносии муосир як шохаи мураккаби илмии байнисоҳавӣ буда, тавассути дигар соҳаҳои илм имкони интиқол додани маълумотро бо фарогирии технологияҳои муосир ба таври дақиқ ва мухтасар фароҳам

меорад ва ба сатҳи муосири рушди донишҳои илмӣ онро созгор ва ҷавобгӯ менамояд.

Дар қатори истилоҳоти дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, **саҳми** истилоҳоти тарҷумашиносӣ низ муҳим арзёбӣ мегардад. Таҳлилу **таҳқиқи** муқоисавии истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар забоншиносии тоҷик хеле мубрам маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, аз тарафи докторанти PhD Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» мавриди таҳқиқ қарор додани истилоҳоти тарҷумашиносӣ, ки то имрӯз мавриди таҳқиқи алоҳидаи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст, **аҳаммияти махсуси илмиро доро буда**, иқдоми шоиста арзёбӣ мешавад.

Муаллифи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқи худро дар мақолаҳои илмӣ пешкаш намуда, андеша ва пешниҳодҳои худро ҷиҳати омӯзиш ва тақвият бахшидани ин самти то имрӯз пажуҳишнашуда дар конференсияҳои байналмилалӣ ироа намудааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст. Навгонии илмии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки истилоҳоти самти тарҷума аз лиҳози сохториву маъноӣ ва этимологӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба таври мукаммал ва дар шакли таҳқиқи монографӣ аввалин бор мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор гирифтаанд. Дар таҳқиқи мавриди назар нахустин бор теъдоди асоситарин истилоҳоти тарҷума кашф ва муаррифӣ шуда, ин бахши луғати забонҳои таҳқиқшаванда бар мабнои усулҳои санҷидаи забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ таҳлилу баррасии лингвистӣ ёфтаанд. Ғайр аз ин, намунаҳои вижаи истилоҳоти тарҷумашиносӣ ошкор гардида, этимологияи истилоҳоти ин бахш дар шакли имконпазир ба таҳлил расидаанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии** таҳқиқи мазкур бо он исбот меёбад, ки мавзуи таҳқиқшуда дар забоншиносӣ, бавижа, тарҷумашиносии муқоисавӣ

аввалин таҳқиқ мебошад, ки ба таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз назари типологӣ бахшида шудааст. Илова бар ин, бозёфтҳо ва натиҷаҳои ҳосилшуда аз таҳқиқ дар омӯзишу баррасии масоили типологияи муқоисавии ҳар ду забон, муқаддимаи забоншиносӣ, забоншиносии умумӣ ва таҳияи луғатҳои дузабона, бисёрзабона ва тафсирии истилоҳоти тарҷумашиносӣ метавонад мавриди истифода қарор гиранд.

**Натиҷаҳои таҳқиқ** эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард ва баррасӣ гардидаанд. Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои муносиб бо мавзуи таҳқиқ алоқаманд таъйин гардида, чанд **нуктаи муҳимме ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки дар илми забоншиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи истилоҳот хеле арзишманд мебошанд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои боло метавон ба чанде аз **натиҷаҳои илмии таҳқиқи диссертатсионӣ** ишора намуд, ки барои он ба довталаб дараҷаи илмӣ дода шавад:

1. Гирдоварӣ ва аз дидгоҳи забоншиносии муқоисавӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додани беш аз 1000 истилоҳи тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҷиҳати сохторӣ-маъноӣ.

2. Муайян намудани умумият ва фарқияти истилоҳоти соҳа ва муайян кардани мавқеи истилоҳоти тарҷумашиносии асл ва иқтибосӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда (диссертатсия, фаслҳои 1.2., 1.3., 1.4., 1.5.).

3. Гурӯҳе аз истилоҳоти тарҷумашиносӣ майдони васеи истилоҳӣ дошта, ин истилоҳот унсури асосии як қатор истилоҳоти дигар дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ қарор гирифтаанд (диссертатсия, с. 1.4.1., 1.4.2., 1.4.3.).

4. Истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз лиҳози сохтор аз ҳамдигар фарқ доранд. Яке аз вижагиҳои фарққунанда ин аст, ки аксари истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забони тоҷикӣ дар қолаби ибораҳои мураккаб, сохта шудаанд, аммо дар забони англисӣ бошад, одатан, бо як калима ифода ёфтаанд (диссертатсия, фасли 2.3.).

5. Дар раванди иқтибосшавии вомвожаҳо ба забони англисӣ аз ҳама бештар забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ ва юнонӣ мавқеи намоён доранд. Нисбат ба забони тоҷикӣ бошад, ин вижагиро забонҳои русӣ ва арабӣ доранд. (диссертатсия, боби 3.).

Диссертант мавзуи таҳқикро бо низоми муайяни илмӣ ба тартиб даровардааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ ҳосил шудани тарҳи комили пажуҳиш мусоидат намудаанд. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, мантиқан алоқаманд мебошанд.

Муаллиф ба таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайяни илмӣ муносибат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои пайдоишу ташаккули мавзуи мазкурро баррасӣ намудааст.

Диссертатсияи мавриди назар аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт ва замима иборат буда, дар умум аз 189-ро ташкил намудааст.

Муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия, доир ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия ва сохтори диссертатсия сухан гуфтааст.

Боби аввали диссертатсия **«Заминаҳои назариявии омӯзиши истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** ном дошта, фарогири панҷ фасл ва се зерфасл аст. Дар фасли аввали боби якум, ки **«Мафҳум ва мазмуни истилоҳ дар забоншиносӣ»** унвон гирифтааст, он оид ба мафҳум ва мазмуни истилоҳ чун воҳиди муҳимтарини забон сухан рафтааст.

Дар фасли дувуми ин боб, ки **«Нишонаҳои асосии истилоҳ»** ном гирифтааст, диссертант дар мавриди вижагиҳои истилоҳ, ки ба туфайли он аз калима фарқ карда мешавад, таҳқиқ анҷом додааст. Ҳамчунин, дар фасли мазкур муҳимтарин нишонаҳои истилоҳ аз қабили, мувофиқати истилоҳ бо мафҳум, вобастагии истилоҳ ба соҳае, ки дар он истифода мешавад, дорои маънои мушаххас будан, дақиқияти дониш, системанокӣ ва фаъолнокӣ мушаххас гардидаанд.

Фасли сеюми ин боб – **«Мушаххас кардани мафҳуми истилоҳ, системаи истилоҳшиносӣ ва майдони истилоҳ»** ном дошта, диссертант дар он андешаҳои забоншиносонро роҷеъ ба мафҳуми истилоҳ, равишҳои омӯзиши системаи истилоҳшиносӣ ва майдони истилоҳот баррасӣ намудааст.

Фасли чоруми боби якум **«Истилоҳоти асосии тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** унвон гирифта, дар се зерфасли он се истилоҳи муҳимтарини тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ (translation, equivalence, translation norm) муфассал шарҳу баррасӣ гардидаанд.

Фасли панҷуми боби якум **«Мавқеи тарҷумашиносӣ ва истилоҳоти марбут ба он дар илми забоншиносӣ»** ном дорад, ки диссертант дар он тарҷумашиносӣ ва истилоҳоти марбут ба онро ҳамчун бахши муҳимми забоншиносӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст.

Боби дувуми рисола зери унвони **«Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** буда, фарогири шаш фасл ва чор зерфасл аст.

Фасли аввали ин боб диссертанд **«Сарчашмаҳои истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»**-ро таҳлил намуда, сарчашмаҳои асосии истилоҳоти тарҷумашиносии ҳар ду забонро мушаххас кардааст.

Фасли дувуми ин боб **«Таснифи морфологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** ном дошта, дар он беш аз 1000 истилоҳи тарҷумашиносии забонҳои таҳқиқшаванда мавриди баррасӣ

қарор гирифтааст. Диссертант дар ин фасл муайян кардааст, ки истилоҳоти тарҷумашиносӣ асосан, ба ду ҳиссаи нутқ: исм ва сифат мансубмебошанд.

Фасли сеюми ин боб **«Роҳҳои асосии калимасозии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** номгузорӣ шуда, диссертант дар он муҳимтарин роҳҳои калимасозии истилоҳоти тарҷумашиносӣ, аз қабили аффиксатсия, калимабандӣ, ибораистилоҳот ва аббревиатураро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Фасли чоруми боби дуюм **«Сермаъноии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** ном дошта, полисемияи истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои таҳқиқшавандаро баррасӣ менамояд. Диссертант дар ин фасл таъкид менамояд, ки аз рӯйи маводи батаҳлилрасида истилоҳоти тарҷумашиносии сермаъно дар забони анлисӣ 14% ва дар забони тоҷикӣ 11%-ро ташкил медиҳанд (диссертатсия, с. 114).

Дар фасли панҷуми боби дуюм **«Синонимияи истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** баррасӣ гардида, диссертант ба чунин натиҷа расидааст, ки аз шумораи умумии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забони англисӣ 19 истилоҳи дорои синонимҳо маълум гардид, ки 7%-ро ташкил медиҳанд. Дар системаи истилоҳоти тарҷумашиносии забони тоҷикӣ бошад, 13 истилоҳи муродифӣ ё синонимӣ муайян гардид, ки 3%-и шумораи умумии истилоҳотро ташкил мекунанд (диссертатсия, с. 119).

Дар фасли шашуми боби дуюм диссертант **«Антонимияи истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»**-ро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Боби сеюми рисола **«Истилоҳоти иқтибосии тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** ном дошта, аз 2 фасл ва 4 зерфасл иборат мебошад.

Дар фасли аввали ин боб – **«Истилоҳоти тарҷумашиносии баромади асл дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»**, таъкид мешавад, ки дар системаи истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар муқоиса бо

вожаҳои иқтибосшуда мавқеи калимаҳои аслии ҳаду забон нисбатан камтар мушоҳида мегардад. Диссертант дар фасли мазкур бо такя ба энсиклопедияҳо ва луғату фарҳангҳои этимологӣ чанде аз истилоҳоти тарҷумаро, ки баромади асл доранд, муайян карда, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар фасли дувуми ин боб **«Нақши иқтибосот дар системаи истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Диссертант таъкид кардааст, ки дар раванди иқтибосшавии вожагони бегона ба забони англисӣ, пеш аз ҳама, забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ ва юнонӣ мавқеи намоён доранд (диссертатсия, с. 131).

Дар қисмати **хулосаи диссертатсия** натиҷагириҳои диссертант аз таҳқиқи дар ин замина анҷомдодааш дар 15 банд баён гардида, оид ба истифодаи амалии онҳо 4 тавсия пешниҳод шудааст.

Адабиёти истифодашударо, ки ба 215 адад мерасад, диссертант бо назардошти хусусияти хатҳо ва бо тартиби алифбоӣ овардааст.

Дар робита ба мавзуи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расонидааст. Дар интишороти мазкур натиҷаҳои асосӣ, хулосаи таҳқиқ ва пешниҳодҳои муаллиф инъикос ёфтаанд.

Ҳамзамон, диссертант дар қисмати охири диссертатсия луғати истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикиро замима намудааст, ки боиси таҳсин аст.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои назаррас диссертатсия аз камбудиҳо низ холӣ нест, аз ҷумла:

1. Фаслҳо ва зерфаслҳои диссертатсия хеле густурда мебошанд, агар бархе аз онҳо ба ҳам муттаҳид мешуд, беҳтар мебуд. Масалан, фаслҳои 1.1.,1.3., 1.4.1. – 1.4.3 –юми бобӣ аввал.
2. Дар дисертатсия ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд (саҳ. 3.5.7.8.13.64.110).

3. Диссертант ба бисёр адабиёти илмӣ роҷеъ ба омӯзиши истилоҳот (Саҳ. 25, 26, 37, 50, 70) ишора менамояд, вале на ҳамеша онҳоро кушоду равшан мавриди таҳлил қарор медиҳад.

4. Хуб мешуд, боби сеюми диссертатсия ба сифати фасли ҷудогона ба боби дуюм ҳамроҳ мегардид, зеро иқтибосшавии истилоҳот низ ба хусусияти маъноиву луғавии калимот рабт дорад.

Албатта, норасоиҳои мазкур ҷузъӣ буда, аҳаммияти илмии таҳқиқи анҷомдодаро кам намекунанд. Диссертатсияи мавриди назар таҳқиқи мукаммали баанҷомрасида буда, аз тахассуси баланди докторанти PhD Алимов Фирдавс Худойдодович дар забонҳои англисиву тоҷикӣ ва огоҳии зиёд доштани ӯ дар ин самт дарак медиҳад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 –Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои бачопрасонидаи докторанти PhD Алимов Фирдавс Худойдодович муҳтавои асосии рисоларо инъикос менамояд.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарраroти мавҷуда, махсусан, бандҳои 76, 77, 79, 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тақриз аз ҷониби Кесамирова Саодат Рустамовна – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англисии ДБЗХТ ба номи Сотим

Улуғзода омода шуда, дар маҷлиси кафедраи мазкур муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 25 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 25 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест. Суратҷаласаи кафедра 19-уми январи соли 2024, қарори №6 бо иштироки докторант муҳокима ва қабул гардид.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи филологияи англисӣ
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Кесамирова Саодат Рустамовна

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи
филологияи англисӣ
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англисии
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Холова Муҳаббат Исломиддиновна

Имзоҳои дотсентон Кесамирова С. Р.
ва Мусоямов З. М. -ро тасдиқ мекунам.
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода Б. Юсупова

24.01.24.

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734019, Ҷумурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода.
**Телефон:** +992 (37) 2325003.
**Сомонаи расмӣ:** www.ddzt.tj
E-mail: ddzt@ddzt.tj